«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ,
доктори илми таърих, профессор
_________ Ибодуллозода А.И.
«15» декабри соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсияи номзадии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Забоншиносии тоҷик дар баробари риштаҳои дигари илмӣ дар самтҳои мубрами таҳқиқу пажӯҳиш, аз ҷумла, дар самти истилоҳоти тиббии суннатӣ рушд карда истодааст. Ба ин васила, вижагиҳои гуногуни лексикаи забони тоҷикӣ аз тарафи муҳаққиқони забоншинос мавриди таҳқиқу омӯзиши амиқ қарор гирифта истодааст. Замони истиқлол барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан, посдории асолати забони миллӣ имкониятҳои бесобиқаеро фароҳам овард, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои бемисли илмӣ ноил гардид. Дар ин замина, баррасии истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов яке аз самтҳои назаррас ва қобили қабул муаррифӣ мешавад.

Таҳлилу баррасии масъалаҳои муҳимму афзалиятноки истилоҳоти тибби суннатӣ яке аз ҷанбаҳои арзишманд маҳсуб шуда, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои муҳим ба пажуҳиши ин истилоҳот пайваста сайъу кӯшиш намоянд. Дар ин раванд дар забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуъҳои мубрами камомӯхташуда, яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон ба шумор меравад. Мазмуни таҳқиқи диссертатсионии

Ҳусанбоев Нодир дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» ба соҳаҳои таърихи забони тоҷикӣ, таърихи забони адабии тоҷикӣ, вожашиносӣ (лексикология), луғатнигорӣ (лексикография), этимология, истилоҳшиносӣ (терминология) ва ихтисоси илмии **10.02.01.- Забони тоҷикӣ** мувофиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович маҳз ба масъалаи муҳим, камомӯхташуда ва нисбатан мураккаби забоншиносии муосир бахшида шуда, муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз сарчашмаву маводи фаровони таҳқиқ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хусусиятҳои истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидовро мавриди таҳқиқи хосса қарор диҳад.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки то ба имрӯз роҷеъ ба истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов таҳқиқоти ҷудогона анҷом дода нашудааст ва диссартант кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои фардии истилоҳоти тиббиро баррасӣ намуда, баромади таърихӣ ва ё этимологияи онҳоро аз сарчашмаҳо аниқ намояд ва дар омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ то дараҷае саҳмгузор бошад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо барнома ва мавзуъҳои илмии даврони муосир робита дошта, ҷиҳати тадриси фанҳои забоншиносӣ, назарияи забон ҳамчун маводи ёрирасон кӯмак карда метавонад. Ҳамзамон, диссертатсия дар асоси номгӯйи ҷанбаҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию соҳавӣ дар кишвар сурат гирифтааст.

Саҳми шахсии муҳаққиқ аз он иборат аст, ки дараҷаи омӯзишу таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас

намуда, усулҳои муосири таҳқиқи истилоҳоти соҳавиро истифода карда, вожаҳои хосси тиббии осори Ҳомид Зоҳидовро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи фаровони забоншиносон ва луғатномаю донишномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои истилоҳотро дар забон таҳқиқ намуда, таркиб ва сохтори истилоҳоти сода ва мураккабро муайян кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 176 саҳифаи чопи компютериро дарбар мегирад.

**Қисми асосии таҳқиқ.** Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонии илмиву тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия “**Масъалаҳои назариявию амалии истилоҳнигорӣ ва хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тибби суннатии халқи тоҷик**” унвон дошта, дар он аз бобати вижагиҳои сохторию маъноии истилоҳнигорӣ ва хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тибби суннатӣ сухан рафтааст ва он аз 4 зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввали боби якум **“Омӯзиши истилоҳоти илмӣ дар забоншиносии тоҷик”** ном дошта, андешаҳои забоншиносони тоҷику русро доир ба истилоҳоту истилоҳнигорӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертант такя ба таърихи забон қайд кардааст, ки андешаҳо дар бораи истилоҳот ва сохтори он дар Аврупо аз давраи мантиқшиносони Юнони қадим пайдо шуданд. Дар натиҷаи омӯзиш маълум гардид, ки сарчашмаҳои фарҳанги аврупоӣ аз офаридаҳои чандинасраи юнониёни қадим маншаъ мегиранд.

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия “Маълумоти мухтасар дар бораи манбаъҳои осори тиббиии Ҳомид Зоҳидов” ном дошта, диссертант дар бораи истилоҳоти тиббии суннатӣ, ки дар гузашта хеле машҳур буд, маълумот додааст.

Воқеан, таркиби луғавии ҳар забон хусусиятҳои махсуси миллӣ дорад, ки сохти грамматикии ин ё он забонро нишон медиҳад. Дар зербоби мазкур муаллифи рисола нуктаҳои арзишмандро оид ба вижагиҳои истилоҳнигорӣ овардааст.

Зербоби сеюми боби якум – “Сохт ва вижагиҳои “Канзи шифо”-и Ҳомид Зоҳидов“ ба баррасии вижагиҳои истилоҳоти тиббӣ бахшида шудааст. Мавриди зикр аст, ки муҳаққиқ беҳтарин ганҷинаҳои осори муътабари тибби қадим, аз ҷумла, “Туҳфат-ал-муъминин”-и Муҳаммад Муъмин Дайламӣ, “Муҳити аъзам”-и Хаким Муҳаммад Аъзамхон, “Ихтиёроти бадеӣ”-и Алӣ ибни Ҳусайн Ансорӣ ва “Қаробиддини кабир”-и Муҳаммад Ҳусайнро ҷамъоварӣ намудааст.

Инчунин “Канзи шифо” аз пешгуфтори муаллиф, муқаддима ва се боб иборат аст. Муқаддима шонздаҳ фаслро дар бар гирифта, ҳар як фасли он роҷеъ ба мавзуъҳои мушаххас баҳс мекунад.

Зербоби чоруми боби якум – **“Маълумот дар бораи луғати тиббии ”Хазинаи тибби қадим”, сохтор ва хусусиятҳои он”** фарогири баррасии вижагиҳои илмии истилоҳоти тиб ба шумор меравад. Ин луғат аввалин луғати тафсирии тиббие аст, ки дар заминаи осори тибби суннатӣ офарида шудааст. Сарчашмаи ин луғат асарҳои тиббии қадим аз қабили “Каробудини кабир”-и Муҳаммад Ҳусейни Алавихон, “Мизон–ут-тиб”-и Акбар Арзонӣ ва ғ. маҳсуб ёфта, асосан истилоҳот ва вожаҳои ифодакунандаи соҳаи тибби суннатиро мавриди тавзеҳ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия – “**Таснифоти истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим” аз рӯйи маъно”** ном дошта, ба таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва

“Хазинаи тибби қадим” бахшида шудааст. Боби мазкур аз панҷ фасл иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **“Гурӯҳҳои маъноии истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим”** унвон дошта, доир ба вижагиҳои маъноии истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим баҳс мекунад. Таснифоти истилоҳоти тиббӣ аз рӯйи ифодаи маъно ва муайян намудани мавқеи онҳо дар илми тиб дорои вижагиҳои ба худ хос мебошад. Чунин таснифот барои равшану возеҳ баён намудани хусуиятҳои маъноии онҳо имкони мусоид фароҳам меоварад.

Дар тибби муосир барои табобати бемориҳои гуногун шуъбаҳои алоҳида табибон ва мутахассисони алоҳида ва ҳатто муассисаҳои алоҳида сару кор доранд. Ҳар як соҳаи тиб дорои истилоҳоти ба худ хом мебошад. Дар давраи гузашта табибоне, ки ба омӯзиши илми тиб машғул мешуданд, ҳамаи қисматҳои ин илмро дар шакли умумӣ вобаста ба мизоҷи бемор мавриди омӯзиш қарор медоданд. Аз ин рӯ, онҳо дар осори хеш оид ба ҷанбаҳои гуногуни ин илм маълумот доданд. Дар забоншиносии муосири тоҷик ба омӯзиши истилоҳоти тибби суннатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуда, дар ин замина луғат ва фарҳангҳои ба ин соҳа мувофиқ ба нашр расонда шудааст.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **“Истилоҳоти тиббии марбут ба бемориҳо”** ба баррасии истилоҳоти мансуби бемориҳои бадани одам бахшида шудааст. Барои ифодаи номи бемориҳо дар осори Ҳ. Зоҳидов вожа ва истилоҳоти зиёде кор фармуда шудааст, ки онро дар мисоли зерин баррасӣ намудан мумкин аст: беморӣ, дард, иллат, мараз дар тибби суннатӣ баробар истифода бурда мешавад, ки сабаби душвор шудани мафҳуми истилоҳоти асарҳои мазкур мегардад. Дар ин қисмати кор унвони бемориҳо ҳамчун истилоҳоти тиббӣ мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм “Истилоҳоти марбут ба номи аъзои бадани инсон”, ки дар забоншиносӣ соматизм номида мешаванд, вожаҳои: даст, пой, сар, гардан, рӯй, сина, шикам ва ғ. шарҳу эзоҳ дода шуда, барои нишон додани мавқеи беморӣ истифода бурда мешаванд. Дар зерфасли мазкур номи касалиҳои, шикам ва олоти таносул номбар шуда роҳҳои табобати он, ки дар китобҳои Ҳ. Зоҳидов оварда шуданд, бозгӯ карда мешаванд.

Истилоҳоти барои табобат пешниҳодшуда аксарашон арабианд. Умуман, истилоҳоти марбут ба номи аъзои бадани инсон аз рӯйи баромадашон ба ду гурӯҳ тасниф карда шудааст: истилоҳоти аслӣ (тоҷикӣ) ва иқтибосӣ ва дар рисола доир ба ҳар кадоми онҳо маълумоти зарурӣ пешниҳод карда шудааст. Инчунин дар зербобҳои минбаъда истилоҳоти марбут ба номи давоҳо, истилоҳоти роҷеъ ба роҳҳои табобат маълумоти муфассал дода мешавад.

Дар боби сеюм “Истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим аз нигоҳи баромад” доир ба истилоҳоти аслӣ (тоҷикӣ), ки иқтибосӣ маълумоти дурусту мукаммал оварда шудааст. Боби мазкур ба таҳқиқи хусусиятҳои сохторию маъноии истилоҳоти аслӣ ва иқтибосӣ бахшида шудааст. Истифода аз ин воҳиди нисбатан тому муташаккили нутқ ба салиқаю маҳорат ва ҳунари истилоҳгузинии нависанда вобаста мебошад, ки Ҳ. Зоҳидов аз уҳдаи ин кори муҳим баромадааст

Дар рисола доир ба ҳар кадоми истилоҳот маълумоти зарурӣ оварда шудааст. Дар ин қисмати кор андешаҳои муҳаққиқ доир ба истилоҳоти арабиасос дурусту бамавриданд. Мисолҳои овардаи муаллифи рисола гувоҳи гуфтаҳои мо маҳсуб мешаванд. Бояд қайд кард, ки дар диссертатсия истилоҳоти турки – узбекӣ, истилоҳоти суриёнӣ, истилоҳоти ҳиндӣ ва муарраби тоҷикӣ оварда шуда, онҳо аз нигоҳи этимология баррасӣ карда шудаанд.

Бояд таъкид кард, ки истилоҳоти иқтибосии арабӣ, туркӣ-узбекӣ, суриёнӣ ва ҳиндӣ аз манбаъҳои таркиби луғавии забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Осори тиббии Ҳ. Зоҳидов "Канзи шифо" ва "Хазинаи тибби қадим" дар омӯзиш ва баррасии маводи тиббии суннатии форсу тоҷик нақши калидӣ дорад. Илми тиб дар баробари дигар илмҳо аз замони Сосониён ҳамчун илми алоҳида арзи вуҷуд кардааст. Китобҳои Ҳ. Зоҳидов дар заминаи осорҳои тиббие, ки дар асрҳои X-X1X асосан дар Ҳиндустону Эрон ба забони форсӣ таҳия шуда, забони онҳо мушкилфаҳм ва дорои истилоҳоти сершуморанд, таҳия гардидааст. Ин асарҳо барои дуруст дарк намудани моҳияти илмии тибби қадим ва забони онҳо дастури муҳим ба шумор меравад.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия мазмуну муҳтавои он ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст ва ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ дар 15-банд ҷамъбаст гардида, масъалаҳои матраҳшуда аз нуқтаи назари илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзан камбудиҳои услубию имлоӣ ба назар мерасанд. Ба эътибор гирифтани онҳо барои боз ҳам боло бурдани сифати илмию назарии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Маълум аст, ки сарлавҳа бояд кӯтоҳу муъҷаз бошад ва мазмуни бобро ифода карда тавонад. Бинобар ин сарлавҳаи боби якуми диссертатсия таҳрир мехоҳад. Боби якум бояд ин тавр таҳрир карда шавад: **"Хусусиятҳои назарию амалӣ ва сохтории истилоҳоти тибби суннатӣ".**

2. Дар саҳ.30-32-и диссертатсия вожаҳои бемазза, беайб, хӯранда, часпанда, мардӣ, карахтӣ, ширинӣ, гоҳ-гоҳ, (32) хӯрдан, нӯшидан(72) ҳамчун истилоҳ шарҳ дода шуданд, вале онҳо истилоҳ нестанд.

3. Дар саҳ. 30-и диссертатсия доир ба пешванди –ҳам чунин ҷумларо мехонем: Пешванди ҳам- низ дар забони тоҷикӣ сермаҳсул буда, дар сохтани истилоҳоти тиббӣ барои ифодаи маънои соҳибият истифода бурда мешавад ва барои тасдиқи фикри худ вожаи “ҳамнафас”-ро мисол овардааст. Вожаи мазкур ҳеҷ гоҳ ифодагари маънои соҳибият нест. Вай ҳамроҳу ҳамраъй ва ҳамфикр буданро ифода мекунад.

4. Дар саҳ. 29 доир ба пешванди бар- чунин омадааст: “Пешванди мазкур, асосан, пешванди феълӣ (?) буда, дар сохтани исму сифатҳо ба назар мерасад (?)” (Ин ҷумла худаш низ таҳрирталаб аст, - Г.Н.), аммо дар мисолҳои пешкаш кардашуда на исм ҳасту на сифат: **бардамидан-масдар, бардавом-зарф, бартараф мекунад**-феъли таркибии номӣ.

5. Баромади истилоҳотро тавзеҳ додан ин баррасии лингвистӣ нест. Бояд истилоҳоти тиббӣ аз нигоҳи грамматикӣ низ тавзеҳ дода шаванд. Дар диссертатсияи мазкур аз боби дуюм сар карда, ягон истилоҳот аз нигоҳи сарфу наҳв баррасӣ карда нашуданд.

6. Дар саҳ. 123-и диссертатсия дар фасли “Истилоҳоти дорои шакли ибораҳо” як қатор истилоҳотеро дучор гардидем, ки онҳо ибора набуда, ҳамагӣ калимаҳои мураккаб маҳсуб мешаванд. Аз ин рӯ, номи фаслро ”Истилоҳоти тиббӣ бо калимаҳои мураккаб” номидан беҳтар аст.

7. Дар кор баъзе хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ ба назар мерасанд ( с.9, 48, 49, 64, 69, 79, 74, 82, 117, 118, 122 ва ғайраҳо).

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур ислоҳшаванда буда, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коста намекунанд ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 10 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 маҷмуаи мақолаҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд ва пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Сохтори ягона ва низоми мантиқии рисола гувоҳ аст, ки рисола аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф шудааст. Хусусан мулоҳизаҳои шахсӣ, масъалагузорӣ ва истифода аз равишҳои илмӣ, ки дар кор дида мешавад, нишондиҳандаи саҳми шахсии муаллиф мебошад.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи "Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ", таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, инчунин ба **шиносномаи ихтисос** мутобиқат дошта, муаллифи он Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15-уми декабри соли 2023, протоколи №4 муҳокима гардида, бар мабнои талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

"ҷонибдор" - 12 нафар;

"муқобил" - нест;

"бетараф" - нест.

Протоколи № 4 аз 15-уми декабри соли 2023.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, номзади илми филология, дотсент** — **Шерализода Адолат Шералӣ**

**Эксперт:**
**профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, доктори илми филология** — **Гадоев Нурхон**

**Котиб: номзади илми филология, дотсент** — **Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич**

**«Имзоҳои Шерализода А., Гадоев Н. ва Ш. Юсуфовро тасдиқ мекунам» - сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** — **Мустафозода Абдукарим**

**Суроға: 734003, ш. Душанбе,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121**
**Почтаи электронӣ: info@ tgpu.tj**
**WWW: www.tgpu.tj**
**Тел.:+992 (37) 224 13 83**
**"15" декабри соли 2023**